Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

## Дар бораи тасдиқи меъёрҳои андози аксиз барои баъзе молҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда

Мутобиқи моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" ва моддаи 200 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади такмил додани меъёрҳои андози аксиз, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Меъёрҳои андози аксиз барои баъзе молҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда мутобиқи замима муқаррар карда шаванд.

2. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқарраргардида, оид ба қабули қарори мазкур Котиботи Кумитаи ҳамгироии Иттиҳоди иқтисодии Евразияро огоҳ намояд.

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2005, №126 "Дар бораи меъёрҳои андози аксиз барои баъзе молҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда" аз эътибор соқит дониста шавад.

4. Қарори мазкур аз 1 марти соли 2014 мавриди амал қарор дода шавад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 15 феврали соли 2014 № 102

ш. Душанбе

Замима
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 15 феврали соли 2014, № 102

Меъёрҳои
андози аксиз барои баъзе молҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
истеҳсолшаванда ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон воридшаванда

| Рамзи мол мувофиқи НМФИХ Евразия | Номгӯи молҳо | Меъёри аксиз бо фоизҳо аз арзиш ё ин ки бо евро барои воҳид |
|---|---|---|
| Гурӯҳи 22<br>Нӯшокиҳои спиртӣ, ғайриспиртӣ ва сирко | | |
| 2201 | Обҳо, аз ҷумла минералии табиӣ ва сунъӣ, газнок, бе омехтаи шакар ва ё дигар моддаҳои ширинкунанда ё хӯшбӯй; ях ва барф: | 0,02 евро барои 1 литр |
| 2202 | Обҳо, аз ҷумла минералӣ ва газнок, дорои омехтаи шакар ва ё дигар моддаҳои ширинкунанда ё хӯшбӯй, ва дигар нӯшокиҳои ғайриалкоголӣ, | 0,3 евро барои 1 литр |

| | | |
|---|---|---|
| | ғайр аз шарбатҳои мевагӣ ё сабзавотии мавқеи молиии 2009: | |
| 2202 90 100 1 | - - - пивои ғайриспиртӣ | 0,10 евро барои 1 литр |
| 2203 00 | Пивои сумалаки ҷав: | 0,10 евро барои 1 литр |
| 2204 | Шаробҳои ангурии аслӣ, ҳамчунин қувватдор, шираи ангур, ғайр аз молҳои дар мавқеи 2009 нишондодашуда: | 0,25 евро барои 1 литр |
| 2205 | Вермутҳо ва дигар шаробҳои ангурии аслӣ бо омехтаи экстрактҳои растанӣ ё хўшбўй | 0,25 евро барои 1 литр |
| 2207 | Спирти этилии денатуратсиянашуда бо консентратсияи спиртии 80%-и ҳаҷм ё зиёда аз он; спирти этилӣ ва дигар қиёмҳои спиртии денатуратсияшудаи консентратсияи мухталиф: Ғайр аз: Спирти этилии денатуратсиянашудаи дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истеҳсоли машрубот фурўхташаванда | 0,60 евро барои як литр |
| 2208 | Спирти этилии денатуратсиянашуда бо консентратсияи спирти камтар аз 80%-и ҳаҷм; қиёмҳои спиртӣ, ликёрҳо ва дигар нўшокиҳои спиртӣ: | 2,5 евро барои 1 литр спирти 100% |

| | | |
|---|---|---|
| Гурӯҳи 24<br>Тамоку ва ивазкунандаҳои саноатии тамоку | | |
| 2402 | Сигарҳо, сигарҳои охирҳояшон буридашуда, сигариллҳо ва сигаретҳо аз тамоку ё ивазкунандаҳои онҳо: Ғайр аз: | 0,80 евро барои 1000 дона |
| 2402 20 | - сигаретҳои тамокудор: (бо филтр) | 1,0 евро барои 1000 дона |
| 2402 20 | - сигаретҳои тамокудор: (бе филтр) | 0,50 евро барои 1000 дона |
| 2403 | Дигар тамокуи бо роҳи саноатӣ истеҳсолшуда ва ивазкунандаҳои саноатии тамоку; тамокуи "гомогенизирондашуда" ё "барқароршуда" экстрактҳо ва эссенсҳои тамоку: | 20% |
| Гурӯҳи 27<br>Сӯзишвории маъданӣ, нафт ва маҳсулоти коркарди онҳо | | |
| 2709 00 | Нафти хом ва маҳсулоти нафти хом, ки аз ҷинсҳои битумӣ ҳосил карда шудааст: | 0 |
| 2710 | Нафт ва маҳсулоти нафтӣ, ки аз | 60 евро |

| | | |
|---|---|---|
| | ҷинсҳои битумӣ ҳосил карда шудаанд, ба ғайр аз маҳсулоти хом; маҳсулоти дар дигар ҷойҳо номбарнашуда ё дохилнашуда, ки дорои 70 мас. % ё ки аз нафт ё маҳсулоти нафтӣ зиёдтар хастанд ва аз ҷинсҳои битумӣ ҳосил шудаанд, ҳамзамон ин маҳсулоти нафтӣ таркибдиҳандаи асосии маҳсулот мебошанд; маҳсулотҳои нафтии коркардшуда: Ғайр аз: | барои 1 тонна |
| | - - - - - бензинҳои моторӣ: | |
| 2710 11 310 - 2710 11 900 | бензинҳои моторӣ, авиатсионӣ, сӯзишвории бензинии реактивӣ, дигар дистиллятҳои сабук | 55 евро барои 1 тонна |
| | - - - дистиллятҳои миёна: | |
| | - - - - - керосин: | |
| 2710 19 210 - 2710 19 290 | сӯзишвории реактивӣ, дигар дистиллятҳои миёна | 25 евро барои 1 тонна |
| | - - - дистиллятҳои вазнин: | |
| | - - - - газойлҳо: | |
| 2710 19 310 | | 8 евро |

| | | |
|---|---|---|
| 2710 19 490 | сӯзишвории дизелӣ | барои 1 тонна |
| | - - - - сӯзишвории моеъ: | |
| 2710 19 510<br>2710 19 690 | - - - - - барои ҷараёнҳои махсусгардонидашудаи коркард (сӯзишвории печӣ): Ғайр аз: | 25 евро<br>барои 1 тонна |
| 2710 19 510<br>1 | - - - - - - мазутҳо | 0 |
| 2710 19 550<br>1 | - - - - - - мазутҳо | 0 |
| 2710 19 610<br>1 | - - - - - - - мазутҳо | 0 |
| 2710 19 630<br>1 | - - - - - - - мазутҳо | 0 |
| 2710 19 650<br>1 | - - - - - - - мазутҳо | 0 |
| 2710 19 690<br>1 | - - - - - - - мазутҳо | 0 |
| 2711 | Гази нафтӣ ва дигар карбогидратҳои газмонанд: Ғайр аз: | 4 евро<br>барои 1 тонна |

| | | |
|---|---|---|
| 2711 | Гази нафтӣ ва дигар карбогидратҳои газмонанди тариқи қубурҳо интиқолшаванда: | 0 |
| 3403 | Маводи молиданӣ ва ашёе, ки дар коркарди равғанӣ ё чарбуии маводҳои нассоҷӣ, пӯст, мӯина ё дигар маводҳо истифода бурда мешаванд, ба ғайр аз ашёе, ки ба сифати таркибдиҳандаи асосӣ дорои 70 мас.% ё ки аз нафт ё маҳсулоти нафтӣ зиёдтар ҳастанд ва аз ҷинсҳои битумӣ ҳосил шудаанд | 60 евро барои 1 тонна |
| Гурӯҳи 40<br>Каучук, резина ва маҳсулоти онҳо | | |
| 4011 | Шинаҳо ва покришкаҳои пневматикии резинии нав:<br>Ғайр аз: | 13% |
| 4011 61 000 0 | - дигарҳо, бо нақши "арчамонанди" протекторҳо ё протекторҳои ба ин нақш монанд:<br>- - барои воситаҳои нақлиёт ва мошинҳои (кишоварзӣ ё хоҷагии ҷангал: | 0 |
| 4012 | Шинаҳо ва покришкаҳои невматикии резинии барқароршуда ё истифодашуда; шинаҳо ва покришкаҳои яклухт ё (нимпневматикӣ, шинаҳо-протекторҳо ва | 13% |

| | | |
|---|---|---|
| | тасмаҳои доирашакли резинӣ: | |
| Гурӯҳи 71<br>Марвориди табиӣ ё парваришкардашуда, сангҳои қиматбаҳо ё зиннатӣ-ороишӣ, фулузоти қиматбаҳо, фулузоти бо фулузоти қиматбаҳо рӯнкашшуда, масиуоти аз оиҳо тайёршуда; бижутерия; тангаҳо | | |
| | Ҷавоҳирот, маснуоти тиллогӣ ва нуқрагии заргарон ва дигар маснуот | |
| 7113 | Ҷавоҳирот ва қисмҳои онҳо аз фулузоти қиматбаҳо ё фулузоти бо фулузоти қиматбаҳо рӯйкашшуда: | 5% |
| 7114 | Маснуоти тиллогӣ ё нуқрагии заргарон ва қисмҳои онҳо аз фулузоти қиматбаҳо ё фулузоти бо фулузоти қиматбаҳо рӯйкашшуда: | 5% |
| 7115 | Дигар маснуот аз фулузоти қиматбаҳо ё фулузоти бо фулузоти қиматбаҳо рӯикашшуда: | 5% |
| Гурӯҳи 87<br>Воситаҳои нақлиёти рӯизаминӣ | | |
| 8703 | Автомобилҳои сабукрав ва дигар воситаҳои нақлиёти муҳаррикдор, ки асосан барои ҳамлу нақли одамон | 10% вале на кам аз 0,15 евро барои |

| | | |
|---|---|---|
| | пешбинӣ гардидаанд (ғайр аз воситаҳои наклиёти муҳаррикдори мавқеи молии 8702), ҳамчунин автомобил-муҳаррикдори фургонҳои боркашонию мусофирбар ва автомобилҳои пойга | 1 см3 ҳаҷми кории силиндрҳои муҳаррик |

Эзоҳи 1. Таснифоти молҳо мутобиқи Номенклатураи молии фаъолияти иқтисодии хориҷии Евразия (НМ ФИХ Евразия) дода шудааст. Барои мақсадҳои татбиқи меъёрҳои андози аксиз, молҳо танҳо тибқи рамзҳои НМ ФИХ Евразия муайян карда мешаванд. Номгӯи мавқеъҳои молӣ фақат барои осонии истифодабарӣ оварда шудааст.

Эзоҳи 2. Маблағи аксиз бо евро ҳисоб карда шуда, бо пули миллӣ дар асоси қурби Бонки миллии Тоҷикистон дар рӯзи таҳвили мол, барасмиятдарории ордери хазинавии гумрукӣ, қабули эъломияи бори гумрукӣ ё иҷозати молҳо супорида мешавад.